“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори ДДТТ
н.и.и., дотсент Қурбонзода М.Р.
________________________
“___” ________________2020 с.

## ТАҚРИЗИ

**Муассисаи пешбар ба диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзуи “Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон”, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ**

Кори таҳқиқотии Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин “Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ пешниход карда шудааст, дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳо, гуфтугӯ ва бархурди тамаддунҳо воқеан масъалаи мубрам ва дархури ҷомеаи имрӯза ба хисоб меравад.

Дар қисмати зарурияти таҳқиқи мавзӯъ дастоварди назарраси илмии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ зимни пажуҳиш муайян карда аст, ки андешаҳои иҷтимоии мутафаккирони гузашта танҳо дар қаринаи таърихии хеш маҳдуд намешаванд, балки ба сифати таҳкурсии усулӣ барои интихоби равиши дарки масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятии давраҳои минбаъдаи таърихӣ низ кӯмак менамоянд. Бинобар ин, метавон таъсири афкори иҷтимоии баъзе мутафаккиронро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мушоҳида намуд, ки дар навбати худ, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳоро мубрамтар месозад. Таълимоти Ибни Халдун дар ҳавзаи тамаддунҳои мардумони мусулмонтабор ва ҳатто берун аз он аз чунин таъсиргузорӣ ба рафтору мафкураҳо дар давраҳои гуногун ва имрӯз низ бархӯрдор аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони гуногуне пайваста ба таълимоти иҷтимоии ӯ рӯй оварда, мекӯшанд дар он андешаҳои ҷолиби дархӯри замони худро пайдо кунанд ва ҷанбаҳои алоҳидаи афкори ӯро барои тақвияти назариёти илмии худ истифода баранд. Дар кишвари мо низ солҳои охир ба таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни таълимоти ин мутафаккир саъю талошҳои назаррасе ба сомон расидааст.

Чи тавре, ки диссертант қайд менамояд, барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки ба устувор намудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ иқдом гирифтааст, таҳқиқи масоили афкори иҷтимоии мутафаккироне, ки ба ин мавзӯъ муносибати объективӣ доранд, аҳамият ва мубрамияти хосае касб намудааст.

Мусаллам аст, ки барои дарки табиати сифатҳои иҷтимоии инсон пеши назар овардани таҳаввули таърихии онҳо ва омилҳои асосии ташаккул ёфтанашон хеле муҳим аст. Дар ҳамин самт мутолиаи густурдаи таълимоти иҷтимоии Ибни Халдун барои ҷомеаи илмии кишварамон ва рушди таҷрибаи ҷомеасозии он хеле муҳим аст. Зеро таълимоти Ибни Халдун фарогири масъалаҳои фалсафӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зебоипарастӣ ва табиатшиносӣ буда, дар замони муосир низ ба онҳо майлу рағбати зиёд мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза омӯзиш ва баррасии таълимоти фалсафии Ибни Халдун аҳаммияти махсус дошта, пажӯҳиши ҷанбаҳои мухталифи он тақозои замон аст.

Хусусан, дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ унвонҷӯ дар сатҳи зарурӣ нуктаи назари муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба сатҳи омӯзиши масъала ва 163 маводи мухталифро оид ба масъалаҳои гуногунҷабҳаи таълимоти Ибни Халдун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. То имрӯз олимони барҷастае аз Шарқу Ғарб ба таҳлилу баррасии шахсият ва афкору осори Ибни Халдун иқдом намуда, дар ин замина осори арзишманде пешкаши аҳли илм намудаанд.

Китоби «Ҷаҳонбинии Ибни Халдун» аз беҳтарин китобе аст, ки ба қалами Ив Лакост тааллуқ дорад. Яке аз боарзиштарин осорест, ки дар бораи Ибни Халдун навишта шудааст. Ив Лакост дар ин китоб менависад, ки суханҳои Ибни Халдун амиқтар аз он аст, ки дар тафсирҳо ба назар мерасанд. Ба андешаи Ив Лакост, Ибни Халдун бар хилофи назарияи бисёре аз муфассирон, бодиянишинӣ ва шаҳрнишиниро дар баробари ҳам қарор намедиҳад, балки маҷмӯаи аҳолии як сарзаминро бо таваҷҷуҳ ба фаъолиятҳои мухталифи моддӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва фикрияшон дар назар мегирад. Барои таърифи ин маҷмуа истилоҳи "умрон"-ро ба кор мебарад.(Дис. с.7)

Оид ба таҳлилу баррасии афкор ва осори Ибни Халдун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом шудааст. Китобу мақолаҳо ва рисолаҳои илмие, ки дар алоқамандӣ бо осору афкори Ибни Халдун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо таълиф намудаанд, низ мавриди таваҷҷуҳи муҳақиқон Зокиров Х., Давлатов Д., Диноршоев М., Идиев Х., Самиев А., Исоматов Б., Нуритдинов М., Қодиров К. қарор гирифтаанд.

Дар бораи Ибни Халдун ва назарияҳои илмиаш матолиби ба сурати мақола дар маҷаллаҳо ё китобҳо навишта шуда, махсусан дар мавзӯҳои фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ, таърих ва монанди онҳо зиёданд. Аммо камтар ба назарияҳо дар боби таълимоти Ибни Халдун дар бораи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон пардохта шудааст.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат карда, арзиши илмии корро

таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлилӣ, мантиқӣ, татбиқӣ, муқоисавӣ, таърихӣ ва диалектикии донишҳои илми зимни таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи фалсафа, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ тасдиқ менамоянд.

Навовариҳои рисолаи илмӣ ба таври мушаххас чунин сурат гирифтааст:

-ба таври маҷмӯавӣ вижагиҳои омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеаи инсонӣ таҳқиқ шудааст;

-муайян карда шудааст, ки муҳити мушаххаси фикрӣ ба ташаккули андешаҳои Ибни Халдун оид ба ҷомеа таъсири зиёде доштааст;

-аҳамият ва дидгоҳи таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ ба таври маҷмӯавӣ баррасӣ шудааст;

-дидгоҳи назариявии Ибни Халдун оид ба мартабаи омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

-аз дидгоҳи мутафаккир сифатҳои иҷтимоии инсон бо ҳаёти ҷамъиятии ҳар як давраи таърихӣ робитаи ногусастанӣ дорад;

- муайян карда шудааст, ки сифатҳои иҷтимоии инсон тағйирпазир буда, ба ин раванд омилҳои гуногун таъсир мерасонанд;

- таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҳаввули сифатҳои иҷтимоии инсон бо таҳаввули марҳилаҳои таърихии инкишофи ҷомеа робитаи зич дорад;

- муайян карда шудааст, ки аз нигоҳи Ибни Халдун дар баробари дигар омилҳо инчунин муҳити табиӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон таъсири зиёде доштааст.

Хусусиятҳои дар боло қайдшуда ин рисоларо аз дигар таҳқиқоте, ки дар ин замина анҷом дода шудааст, ҷудо намуда, ба хонанда тасаввури наве дар масъалаи шинохти инсон ва муҳит, таъсири он дар ахлоқ ва рафтори ҷомеаи инсонӣ пешниҳод менамояд.

Ин рисола маълумоти муҳимеро дар бораи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз назари Ибни Халдунро дарбар гирифта аст. Баҳси мазкур дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам анҷом дода шудааст ва ин рисола метавонад барои касоне, ки дар ин масъала таҳқиқ мекунанд, манбаи хуб бошад. Илова бар ин, натиҷаҳову хулосаҳои аз таҳқиқи мазкур ба даст омадаро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ ва таърихнигорӣ истифода намуд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро ҷанбаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- ба таври системавӣ муайян намудани арзишмандии методологияи омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеаи инсонӣ;

- ошкор намудани таъсири муҳити мушаххаси фикрӣ ба ташаккули андешаҳои Ибни Халдун оид ба ҷомеа;

-баррасӣ намудани аҳамияти дидгоҳи Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ;

- таҳлил намудани ақидаҳои Ибни Халдун оид ба мартабаи омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон;

- ошкор ва таҳлил намудани таъсири вижагиҳои муҳити табиӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун;

- баррасӣ намудани таъсири ҷуғрофиё ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун.

Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш таҳлил шудааст. Инчунин, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, муайян гардида, ҷанбаҳои методологӣ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якум **«Ҷанбаҳои назариявию методологии таълимоти Ибни Халдун»** ном дорад. Ин боб аз се параграф иборат буда, зербоби якум **«Вижагиҳои омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеа»** унвон дошта, муаллиф ба омӯзиши таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеаи инсонӣ дахл намуда, қайд мекунад, ки Ибни Халдун дар фасли марбут ба анвои дониш дар китоби «Муқаддима» аз илмҳои ақлӣ ва нақлӣ сухан ронда, гуфтаҳои шахсиятҳои бузург, ба монанди Ибни Сино ва Имом Муҳаммади Ғазолӣ ва дигаронро мавриди таҷзия ва таҳлил қарор дода, инчунин аз тафсир, ҳадис, калом, фиқҳ, ҳисобу ҳандаса, сеҳр ва мӯъҷиза ба таври муфассал сухан ба миён овардааст.

Ибни Халдун донишмандест, ки даврони зиндагиаш дар асри шикаст ва ғуруби тамаддуни исломӣ гузаштааст. Ҷаҳонбинии ӯ дар китоби «Муқаддима»-аш инъикос шуда, ки дар он “қасди баёни фалсафӣ-таърихиро аз рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва сиёсии замонааш дорад”. Ӯ миёни андешаи ақлӣ ва воқеият дар ҳаракат ва фаъолияти таърихӣ – иҷтимоиаш дар майдони шинохт ва амал пайванди ошкор барқарор мекунад. Метавон яке аз пояҳои ҷаҳонбинии ӯро бовар ба робитаи мутақобилаи падидаҳо донист. Ба ақидаи Ибни Халдун, зиндагии иҷтимоӣ аз таомули миёни омилҳои гуногуне чун фарҳанг, иқтисод, сиёсат ва ҷуғрофия вобаста аст.

Зербоби дуюми боби якум **«Таъсири муҳит ба ташаккули андешаҳои Ибни Халдун оид ба ҷомеа»** номгузорӣ шудааст. Муаллиф таъсиргузории муҳити фикрии замони Ибни Халдун ва муҳити фикрии пеш аз замони Ибни Халдунро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки Ибни Халдун

пас аз мутолиаи осори донишмандон ва файласуфон ҳамчун Масъудӣ, Ибни Асир, Ҳасан ибни Ҳайсам, Ғазолӣ, Ибни Хатиб, Ибни Сино ва дигарон, тавонистааст фикри худро бедор кунад. Ба ин маъно, ки равиши наве барои навиштани таърих ба вуҷуд биёварад.

Диссертант қайд менамояд, ки Ибни Халдун тафовути аслии байни инсон ва дигар мавҷудотро чунин тавсиф менамояд: «Инсон аз дигар ҷонварон бо сифатҳое ҳамчун дониш, ҳунар, ки натиҷаи андешаи инсон аст ва инчунин, кору талош барои ба даст овардани маош фарқ мекунад ва бо ин сифатҳо аз дигар махлуқот бартарӣ дорад. Дар ҳақиқат, фарқияти инсон бо дигар ҳайвонҳо сифати иҷтимоии ӯст, яъне одамон бо ҳам зиндагӣ мекунанд ва бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд, ин ҳама барои ба даст овардани манбаи даромад аст.» (Дис. с.42).

Зербоби сеюми боби якум **«Аҳаммияти дидгоҳ ва таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ»** унвон шудааст. Муаллиф дар мавриди аҳамияти дидгоҳи таълимоти Ибни Халдун дар улуми муосири иҷтимоӣ чунин қайд намуда аст, ки Ибни Халдун яке аз мутафакиронест, ки таъсири зиёде бар дониши муосир иҷтимоӣ дошта, дидгоҳи таълимоти ӯ дар улуми муосири иҷтимоӣ ҷойгоҳи арзишманде дорад. Дар даҳаҳои дувуми қарни нуздаҳум китоби Ибни Халдун назари донишмандони ғарбиро ба худ ҷалб намуд.

Ибни Халдун дар бисёре аз масъалаҳои ҷамъиятӣ, ба монанди роҳҳои афзоиши ҷамъият ва нақши он дар рушди иқтисодӣ, муҳоҷират, ҳаракат ва ҷо ба ҷой дар ҳаёти иҷтимоии инсон назарияҳои гуногунеро баён кардааст.

Чи тавре ки диссертант кайд менамояд: "Дар асоси таҳлили орои асари «Муқаддима»-и Ибни Халдун ӯро ба унвони яке аз асосгузорони илми ҷомеашиносӣ шинохтанд. Андешаҳои Ибни Халдун аз ҷониби равшан шудаанд, ки дар ташаккули улуми мухталифе, махсусан фалсафаи иҷтимоӣ, нақши назаррас доранд. (Дис. с.68).

Боби дуюм **«Равишҳои амалии таҳлили омилҳои таъсиргузор ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон дар таълимоти Ибни Халдун»** ном дорад. Ин аз се зербоб иборат буда, зербоби якуми он «**Дидгоҳи назариявии Ибни Халдун оид ба мартабаи омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон**» аст. Ин қисмат ба омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун бахшида шуда аст.

Зимни таҳлили масъалаи мазкур муҳаққиқи рисола таваҷҷӯҳи худро ба он равона месозад, ки Ибни Халдун сифатҳои иҷтимоии инсонро на ҳамчун падидаи ирсию номутағайир, балки ҳамеша дар ҷараёни таҳаввулу такомулёбӣ тасвир менамояд. Дар таҳаввулу такомулёбии сифатҳои иҷтимоии инсон нақши омилҳои гуногунро нишон медиҳад, ки ин ба таълимоти ӯ хусусияти воқеъбинона медиҳад. Дар рисола вобаста ба

мартабаашон омилҳои таъсиррасон ба сифатҳои иҷтимоии инсон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Зимни таҳлил нишон дода шудааст, ки мутафаккир нақши омилҳои таъсиррасон ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсонро хеле мутавозин ва бо такя аз фактҳои эътимодбахш баҳогузорӣ менамояд. Ибни Халдун сифатҳои иҷтимоии инсонро иборат аз маҳоратҳое медонад, ки барои иҷрои муносиби фаъолияти ҷамъиятӣ хизмат менамоянд. Дар байни сифатҳое, ки аз назари Ибни Халдун барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳиманд инҳоро зикр менамояд- фазилат, накӯкорӣ, меҳнатқаринӣ, эҳтиром ба дигарон, сарфакорӣ, эътимодмандӣ, масъулиятнокӣ, устувории психикӣ, майл ба ҳамкорӣ, худтатбиққунӣ ва ғайра.

Ибни Халдун пас аз баёни фарқияти инсон бо ҳайвонот ва ҷойгоҳи инсон, ҷомеа ва зиндагии иҷтимоии инсонро баён мекунад. Ибни Халдун чигунагию зарурати шаклгирии ҷомеаҳои башариро дар се асли асосӣ ёдовар мешавад. Якум, ин ки инсон маданитабъ аст, яъне барои инсон вуҷуди ҷомеа зарурӣ аст. Дуввум, инсон ҳамеша ниёзманди қонун аст. Яъне башар ниёзманд ба қонун аст, ки аз афрод дифоъ кунаду барои иҷрои қонун ниёзманди ҳукумати қудратманд аст. Севвум, башар ниёзманди давлати подшоҳӣ аст. ( Дис.с.71).

Зербоби дуюм **«Таҳлили таъсири вижагиҳои муҳити табиӣ ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун»** ном дорад. Дар ин зербоб муаллиф пеш аз ҳама ба тавзеҳи муҳтавои мафҳумҳои таҳлилшаванда диққат додааст. Диссертант таъсири му хит ба ташаккули сифатхои иҷтимоии инсонро аз назари мутафаккирон таҳлил ва баррасӣ намуда, ақидаи Ибни Халдун дар бораи таъсири муҳит бар сифатхои иҷтимоии инсонро барои сатҳи пешрафти ҷомеаи муосир ва тадриси он ба насли имрузаву оянда хеле мусоидаткунанда медонад.

Дар ин зербоб диссертант қайд менамояд, ки Ибни Халдун ба баррасии падидахое мисли дигаргунии одобу русум, руҳияи хонаводагӣ ва қавмӣ, донишҳо ва пешрафтҳо ва фарқи миёни шуғлҳо, таъсироти обу ҳаво дар зиндагӣ, доду гирифт ва зиндагии иқтисодӣ, таъсири табиат дар ахлоқи одамӣ, зиндагонии мардуми шаҳрнишин ва биёбоннишин, кишвардорӣ, пешрафт ва нобудии халқҳо ва бисёре аз масъалаҳои дигар баҳс карда, дигаргуниҳои таърихро бо равиши иҷтимоӣ-таърихӣ тафсир кардааст.

Диссертант андешаҳои Ибни Халдунро оид ба бодиянишинӣ ва шаҳрнишинӣ таҳлил намуда, қайд менамояд: “Он чӣ аз навиштаҳои Ибни Халдун бармеояд, ин аст, ки вай дар ҳасрати ҷомеаи бодиянишинӣ аст. Хусусиёт ва вижагиҳое, ки барои бодиянишинон дар назар дорад, нишон медиҳад, ки ҷомеаи бодиянишинӣ дар меҳвари инсоният қарор дорад ва аз ин ҷомеа пешрафт ва тараққии ҷомеаи шаҳрнишинӣ шакл мегирад. Ибни Халдун бодиянишиниро муқаддам бар тамаддун ва шаҳрнишинӣ медонад. Он чи Ибни Халдун беш аз ҳад бар он таъкид меварзад ва ба он далел ҳам ҷомеаи бодиянишиниро ситоиш мекунад ин аст, ки бодиянишинон ба лозимаи табиат

ва муҳити ҷуғрофӣ аз таҷаммулпарастӣ маҳрум, ғарқ шудан дар навъҳои лаззатҳову шаҳватҳо ва ба хусус ғизоҳои гуногуну рангоранг маҳрум ҳастанд ва ин хусусиятҳо сабаб шуда аст, ки ин ҷомеа ба фитрати инсонӣ наздик бошад.(с.112).

Зербоби сеюм, ки ба масъалаи «**Идомати минбаъдаи равиши табиатгароии Ибни Халдун дар таҳлили ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон**» бахшида шуда аст, муаллиф кӯшиш намуда аст, ки равиши табиатгароии Ибни Халдунро дар таҳлили ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон нишон диҳад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки Ибни Халдун яке аз донишмандоне аст, ки дар мавриди нақши ҷуғрофиёву мӯҳити табиат дар зиндагии инсон ва таъсири он дар низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, фикрӣ ва сабки илмӣ баҳс кардааст ва қонунҳои онро кашф кардааст. Ва донишмандони дигар оро ва назарияҳои ӯро дар ин самт такмил кардаанд. Ибни Халдун баръакси баъзе аз донишмандон ҷуғрофиёро танҳо омили ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон намедонад, балки омили дин, асабият, шароити иқтисодӣ, тарбият ва таълимро дар ба вуҷуд омадани шахсияти иҷтимоӣ низ таъсирнок медонад. Танҳо табиат нест, ки дар шахсияти иҷтимоӣ дахолат дорад, балки инсон ва ирода ва тавоноии ӯ сарнавиштсоз аст ва инсон бо қударате, ки дорад метавонад табиатро дигаргун созад ва нерӯи табиии нерӯмандро ба худ ром созад. Инсон аст, ки таърихро месозад ва тамаддунро ба вуҷуд меоварад ва ин забони ҳоли файласуфи иҷтимоӣ ва олим Ибни Халдун аст.

Мавод ва тавсияву пешниҳодҳои унвонҷӯ метавонанд ба таври фарогир зимни таҳлил ва омӯзиши вазъи ҳаёти иҷтимоии чомеа, ҳангоми тадриси илмҳои фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва таҳия кардани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ мавриди истифода карор гиранд.

Новобаста аз дастовардҳо, бозёфту аслияти далелҳои илмӣ кори диссетратсионии Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин "Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон", аз камбудиҳо ва лаҳзаҳои баҳсталаб орӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл зикр дошт:

1. Ба фикри мо дар нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда баъзе бандҳо ва андешаҳои унвонҷӯ мушаххаснамоиро талаб менамоянд;
2. Ба андешаи мо дар зербобҳои якум ва дуюми боби дуюми рисола бархе аз андешаҳои пешниҳодгардидаи муаллиф хислати тафсирӣ дошта, мавқеи шахсии унвонҷӯ камтар мушоҳида карда мешаванд;
3. Дар бештари саҳифаҳои хар як зерфасли кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ба таҳрир ниёзманд мебошанд.

Бояд кайд кард, ки камбудихои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ кори мустакилона анчомёфта буда,

мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Арконииддинзода Шамсиддин Арконииддин "Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, фарогири масъалаи мубрам буда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро аст ва муаллиф барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ арзанда мебошад.

Тақриз муҳокима карда шуд дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон 18 декабри соли 2020, суратҷаласаи № 7

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон Шарипов Маҳмадулло Исматович омода карда шуд.

Эксперт: н.и.ф., дотсент М. И. Шарипов

Раисикунанда: номзади илмхои
сиёсӣ, мудири кафедраи фанҳои
ҷамъиятшиносии ДДТТ дотсент Неъмонов Ҷ.М.

Нишона: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ 1/2
Тел: 934444240

Имзои М.И. Шарипов ва Ҷ.М. Неъмоновро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати
кадрҳо ва таъиноти ҳуқуқии ДДТТ М.Назирӣ